Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва амалӣ, дар раванди таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи махсуси биологӣ ва кишоварзӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи кишоварзӣ самаранок истифода шаванд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Муайян карда шуд, ки *R. × damascena* дар шароити водии Ҳисор дорои чандирии баланди морфологӣ, ороишӣ ва экологӣ мебошад. Ояндадор будани ин зироат барои парвариши саноатии растаниҳои равғани эфирӣдиҳанда исбот карда шуд.
2. Муқаррар карда шуд, ки нашъунамо, инкишоф ва қобилияти навдабарории *R. × damascena* аз ритмҳои фенологӣ ва давомнокии даврaҳои оромӣ вобаста мебошад. Исбот карда шуд, ки беҳтар намудани сохтори бутта ва саривақт ҳифз намудан аз зараррасонҳо ва бемориҳои асосӣ ҳосилнокӣ ва баромади ашёи хоми равғани эфириро зиёд мекунад.
3. Усули мукаммалгардонидашудаи қаламчабурии сабз таҳия карда шуд ва низоми парвариши плантатсионии *R. × damascena* дар шароити водии Ҳисор аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуд. Исбот карда шуд, ки онҳо гирифтани маводи кишти босифатро таъмин намуда, ҳосилнокии киштзорҳоро баланд мебардоранд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо бо ҳаҷми зиёди маълумоти таҷрибавӣ, ки дар натиҷаи таҳқиқоти бисёрсола ба даст оварда шудаанд, миқдори кофии маводи ҳисоббарорӣ ва вобастагиҳои муайяншуда, эътимоднокии коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои мусбати санҷиши истеҳсолӣ тасдиқ карда мешавад.

Коркарди омории маводи таҷрибавӣ бо истифода аз усулҳои умумии қабулшудаи омори математикӣ анҷом дода шуд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Рисолаи мазкур аз рӯйи ихтисоси 1.5.18 ботаника иҷро гардида, ба талаботи шиносномаи номгӯи ихтисосҳои илмии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи бандҳои зерин мувофиқат мекунад:

Банди 2. Сохти организмҳои растанӣ, нашъунамо ва инкишофи онҳо, асосҳои фаъолияти ҳаётӣ, мутобиқшавӣ ба шароити муҳити зист ва ҳамзистӣ. Сохти анатомӣ-морфологии растаниҳо.

Банди 5. Муносибати намудҳо, гурӯҳҳои экологӣ, шаклҳои ҳаётӣ ва ҷамоаҳои растанӣ бо муҳити рӯиш, индикатсияи ҳолати муҳити зист бо ёрии растаниҳо.

Банди 6. Сохтор ва динамикаи қабати растанӣ ва қисмҳои таркибии он – фитосенозҳо бо мақсади оптимизатсия ва идоракунии ҳосилнокии онҳо, ташкили ҷамоаҳои сунъии растанӣ бо хусусиятҳои муфиди пешакӣ муайяншуда (фитосенология ва геоботаника).

Банди 9. Масъалаҳои ҳифз, барқарорсозӣ ва оптимизатсияи қабати растании табиӣ ва бо таъсири антропогенӣ тағйирёфта.

Банди 10. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи растаниҳо, пеш аз ҳама захираҳои флораи табиӣ, бо мақсадҳои амалӣ (доруворӣ, ғизоӣ, техникӣ, хӯрокӣ барои чорво, мелиоративӣ, ороишӣ ва ғ.).

Банди 11. Таҳияи асосҳои интродуксия, иқлимпазирӣ ва ба кишт ворид намудани растаниҳо, инчунин асосҳои индикатсия ва мониторинги муҳити табиӣ ва қабати растанӣ.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Рисолаи мазкур таҳқиқоти мустақилонаи муаллиф мебошад. Саҳми шахсии довталаб дар омӯзиш ва ҷамъбасти адабиёти илмӣ, гузаронидани таҳқиқоти лабораторӣ ва таҷрибаҳои саҳроӣ, ҷамъоварии маълумоти ибтидоӣ, апробатсия ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, таълифи мақолаҳои илмӣ, омода намудани рисола ва автореферат барои ҳимоя ифода меёбад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосии рисолаи илмӣ дар солҳои 2021–2026 дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмии ҳайати профессорону омӯзгорони Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоӣ» муҳокима ва баррасӣ гардиданд. Натиҷаҳои таҳқиқот мунтазам дар конференсияҳои илмӣ-амалии солонаи муассиса пешниҳод гардида, аз ҷониби ҷомеаи илмӣ баҳои мусбат гирифтанд. Қисме аз натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ пешниҳод ва муҳокима карда шуданд: «Рушди боғдорӣ, токпарварӣ ва сабзавторкорӣ дар шароити истифодаи технологияҳои муосири парвариш» (Душанбе, 2024), «Равишҳои инноватсионӣ оид ба истифодаи технологияҳои кайҳонӣ дар идоракунӣ ва мониторинги захираҳои обӣ, ҳифзи пиряхҳо ва таъмини рушди устувори энергетика дар шароити тағйирёбии иқлим» (Кӯлоб, 2025), «Мушкилоти экологӣ ва роҳҳои гузариш ба “иқтисоди сабз” дар давраи муосир» (Душанбе, 2025), «Маълумоти бузург ва зеҳни сунъӣ дар рушди илм, саноат ва ҷомеа», бахшида ба эълон гардидани солҳои 2025–2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» (Кӯлоб, 2025), инчунин дар Конференсияи XI байналмилалии «Хусусиятҳои экологии гуногунии биологӣ» (Хуҷанд, 2025). Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ: «Стратегияи рушди илми тиббӣ ва институти ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҷриба, мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо» (Душанбе, 2024), «Мушкилоти мубрами экологӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ: ҳолат, мушкилот ва дурнамои рушд» (Хоруғ, 2024), «Беҳтар намудани вазъи экологӣ ва ҳифзи табиати нодири кишвар» (Душанбе, 2025), «Механизмҳои мутобиқшавии организмҳо ба шароити тағйирёбандаи муҳити зист»

(Душанбе, 2025), «Гуногунии биологии экосистемаҳои кӯҳӣ дар шароити тағйирёбии глобалии иқлим» (Душанбе, 2025), «Таъсири тағйирёбии иқлим ба гуногунии биологӣ ва экосистемаҳои кӯҳӣ» (Хоруғ, 2025), «Аҳамияти илмҳои табиӣ, дақиқ ва математикӣ дар таҳсилоти муосир: мушкилот ва дурнамо» (Данғара, 2026), «Арзёбии гармшавии глобалӣ ва роҳҳои пешгирии он дар ҳифзи захираҳои гидрологӣ ва криосферӣ» (Кӯлоб, 2026) ва «Тоҷикистон дар роҳи истиқлолияти давлатӣ» (Хоруғ, 2026) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.


Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқот дар 23 кори илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки ба рӯйхати нашрияҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, ба нашр расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми рисола. Рисола аз муқаддима, шаш боб, хулоса, тавсия барои истеҳсолот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Феҳристи адабиёт 154 манбаи ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад. Ҳаҷми умумии рисола 158 саҳифаро ташкил медиҳад. Кор бо 14 ҷадвал ва 9 расм оро дода шудааст.

МУҲТАВОИ ТАҲҚИҚОТ

Мавод ва усулҳои тадқиқот

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ноҳияи Шаҳринав, ки дар ҳудуди водии Ҳисор ҷойгир буда, ба ҳайати Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дохил мешавад, анҷом дода шуданд. Ноҳияи мазкур дар қисми ғарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар наздикии пойтахти кишвар — шаҳри Душанбе воқеъ гардидааст, ки барои рушди минбаъдаи иқтисодӣ ва кишоварзии он имкониятҳои мусоид фароҳам меорад (расми 1).



Расми 1. Мавқеи ҷуғрофии ҳудуди таҳқиқшаванда (ноҳияи Шаҳринав) дар харитаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шароити ҷуғрофӣ, иқлимӣ ва хокии минтақаи таҳқиқот барои парвариши зироатҳои равғандеҳ, аз ҷумла садбарги димишқӣ, хеле мусоид мебошанд. Тибқи маълумоти дастуруламалӣ оид ба шароити иқлимии минтақа [Агроклиматические ресурсы..., 1976], «водии Ҳисор дорои шароити мусоиди агроиқлимӣ мебошад, ки ба рушди богдорӣ ва растанипарварӣ мусоидат мекунад. Иқлими минтақа бо давраи

дарозмуддати вегетатсионӣ, радиатсияи баланди офтобӣ ҷамъи ҳарорати фаъол тавсиф мешавад. Давомнокии миёнаи давраи бо ҳарорати аз +10 °C баланд такрибан 195 рӯзро ташкил медиҳад, ҷамъи ҳарорати фаъол бошад, ба 4900 °C» мерасад» [1]. Иқлими хушки субтропикӣ дар якҷоягӣ бо низоми мукаммали обёрӣ барои парвариши саноатии садбарг шароити мусоид фароҳам меорад [20, с.17-32].

Таҳқиқот дар ҳудуди плантатсияе, ки соли 2017 дар деҳоти Боғистони маҳаллаи Сино бо иштироки ҶДММ «Тоҷикистон *Табиб Дору Роз*» ва шарикони эронӣ таъсис дода шудаанд. гузаронида шуданд. Лоиҳаи мазкур аввалин таҷрибаи парвариши саноатии *R.× damascena M*. дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, барои гузариш ба истеҳсоли аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи ашёи хоми равғани эфирӣ замина фароҳам оварад.

Хокҳои минтақа асосан аз сероземҳои марғзорӣ иборат буда, бо миқдори зиёди карбонатҳо (pH 7,6–7,9), таркиби кофии гумус (1,24–2,12%), тавозуни мусоиди унсурҳои ғизоӣ ва хусусиятҳои хуби физикӣ тавсиф мешаванд, ки барои рушди муътадили низоми решаи растанӣ мусоидат менамоянд [16, с. 27-44; 20, с. 17-32].

Маълумоти метеорологии солҳои 2023–2025 устувории шароити иқлимии минтақаро тасдиқ намуданд. Тобистони гарм (то +34°C), зимистони нисбатан мулоим, миқдори солонаи боришот дар ҳудуди 598–652 мм ва тақрибан 230 мм боришот дар давраи вегетатсия барои рушди муътадили растанӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Дар шароити истифодаи обёрӣ ин омилҳо имконияти ба даст овардани ҳосили устуворро таъмин менамоянд.

Ҳамин тариқ, иқтидори агроиқлимӣ ва хокии ноҳияи Шаҳринав аз дурнамои баланди он барои парвариши плантатсионии *R.× damascena M*. ва истеҳсоли ашёи хоми босифати равғани эфирӣ шаҳодат медиҳад. Татбиқи усулҳои самараноки агротехникӣ ва такмил додани низоми истифодаи нуриҳо ба баланд шудани ҳосилхезии хок ва рушди устувори истеҳсолот мусоидат менамояд.

Объекти таҳқиқоти мазкур *R.× damascena M*. буда, вай бо арзиши баланди биологӣ ва хоҷагидорӣ тавсиф мешавад. Ин намуд бо сабаби маҳсулнокии баланд, миқдори зиёди равғани эфирӣ, устуворӣ нисбат ба омилҳои стрессии абиотикӣ ва биотикӣ, инчунин мутобиқшавии хуб ба шароити водии Ҳисор барои таҳқиқот интихоб гардид.



Расми 2. Плантатсияи *Rosa × damascena* Mill. дар ҳудуди ноҳияи Шаҳринав

R.× damascena M. бо ҳосилнокии устувор, тобоварӣ ба хушксолӣ ва қобилияти ҷамъ намудани миқдори зиёди равғани эфирӣ ҳатто дар шароити норасоии намӣ фарқ мекунад. Давраи гулкунӣ соле як маротиба аз охири моҳи апрел то охири моҳи май мушоҳида мегардад. Устувории баланд ба тағйирёбии ҳарорат ва хушксолӣ ин растаниро барои парвариши саноатӣ дар шароити иқлими хушки Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле афзалиятнок мегардонад.

Усулҳои таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқот усулҳои анъанавии морфологӣ-биологӣ, фенологӣ, биометрӣ ва усулҳои муосири таҳлилӣ истифода шуданд. Мушоҳидаҳои морфологӣ ва фенологӣ дар шароити саҳроӣ дар давоми се мавсими вегетатсионӣ (солҳои 2022–2024) тибқи методикаҳои умумии қабулшуда анҷом дода шуданд [3, 4, 10, 11]. Арзёбии аломатҳои морфологӣ омӯзиши шаклу сохтори бутта, дастгоҳи баргӣ, сохтори гул ва узвҳои репродуктивиро дар бар гирифт. Нишондиҳандаҳои биометрӣ бо истифода аз штангенсиркул бо дақиқии 0,1 мм муайян карда шуда, барои ҳар як нишондиҳанда на камтар аз 30 такрор гузаронида шуд.

Мушоҳидаҳои фенологӣ тибқи усулҳои дар таҳқиқоти ботаникӣ қабулшуда гузаронида шуда, ҳамаи марҳилаҳои онтогенези растанӣ ба қайд гирифта шуданд. Барои баҳодиҳии маҳсулнокии растаниҳо методикаи мутобиқгардонидашуда барои зироатҳои равғандеҳ истифода гардид.

Миқдори равғани эфирӣ бо усули хроматографияи моеии баландсифат (ХМБС, ВЭЖХ) дар озмоишгоҳи «Синтез ва таҳқиқи пайвастагиҳои координатсионӣ»-и Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии химияи ба номи узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои химия, профессор А.О. Аминҷонов (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) муайян карда шуд.


Таҷрибаҳо оид ба қаламчакунии сабз дар шароити гармхона гузаронида шуданд. Ҳамчун маводи ниҳолшинонӣ қаламчаҳои сабзи дорои 2–3 байнигиреҳ истифода гардиданд. Се навъи ангезандаи рушд — гетероауксин, сиркон ва корневин, инчунин се навъи субстрат — перлит, омехтаи торф ва омехтаи қуму хок мавриди истифода қарор гирифтанд. Самаранокии решабандии қаламчаҳо аз рӯи фоизи қаламчаҳои решагирифта ва нишондиҳандаҳои рушди системаи реша баҳогузорӣ карда шуд. Ҳаҷми

интихоб 100 қаламчаро барои ҳар як вариант ташкил дода, таҷрибаҳо дар се такрор гузаронида шуданд.

НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ХУДИ МУАЛЛИФ

Аз соли 2017 дар ноҳияи Шаҳринави водии Ҳисор (деҳоти Боғистон, маҳаллаи Сино) аз ҷониби корхонаи муштараки Тоҷикистону Эрон – ҶДММ «Тоҷикистон Табиб Дору Роза» парвариши саноатии *R.× damascena M*. бо мақсади истеҳсоли равғани эфирӣ ва оби садбарг ба роҳ монда шудааст. Плантатсия дар масоҳати 25 гектар тибқи нақшаи шинонидани 1,5 × 2,5 м бунёд гардидааст. Ҳамзамон таҳқиқоти хусусиятҳои морфологӣ, биологӣ ва аломатҳои хоҷагидории арзишманди ин зироат дар шароити минтақа гузаронида шуданд.

Таҳлили маълумоти бисёрсола нишон дод, ки ҳосилнокии гулҳои *R.× damascena M*. дар шароити водии Ҳисор ба ҳисоби миёна 3–4 т/га (80–100 тонна аз майдони 25 гектар)-ро ташкил дода, пеш аз ҳама аз шароити обу ҳавои давраи вегетатсионӣ вобастагӣ дорад (расми 3).



Расми 3. Ҳосилнокии солонаи *R.× damascena M*. дар ҳудуди ноҳияи Шаҳринав (т/га) дар солҳои 2017–2025.

Растаниҳои таҳқиқшаванда ба шаклҳои муосири эронии *R.× damascena M*. тааллуқ дошта, хусусиятҳои биологии онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши сатҳи мутобиқшавии онҳо ба шароити маҳаллии хокию иқлимӣ аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад.

Растаниҳо буттаҳои хуб шох ронда бо баландии 0,85–1,20 м ҳосил менамоянд, ки дорои низоми пурқуввати реша буда, устувории онҳоро нисбат ба хушксолӣ таъмин мекунад. Навдаҳо бо хорҳои мулоими қалмоқшакли сурхчатоб пӯшонида шудаанд. Баргҳо мураккаб, тоқпармонанд буда, дарозии онҳо 12–19 см-ро ташкил медиҳад. Онҳо аз панҷ баргчаи паҳлӯӣ ва як баргчаи нӯгӣ иборат буда, бо гӯшбаргҳои ба ҳам пайвастшуда тавсиф мешаванд.

Гулпӯшҳо шакли сипаршакл дошта, аз 4 то 8 гули калони пурбарг ва хушбӯйро дар бар мегиранд. Гулҳо ранги гулобии дурахшон дошта, шакли косашакл ё розеткамонанд доранд. Ашёи хоми аз ҳама арзишманди равғани эфирӣ ҳангоми ҷамъоварии гулҳо дар марҳилаи ғунчаи пурра ташаккулёфта ба даст оварда мешавад.

Шакли таҳқиқшаванда ба гурӯҳи садбаргҳои пурбарг мансуб буда, гултоҷи он аз 26 то 45 гулбарг иборат аст, ки дар 5–8 қатор ҷойгир шудаанд. Дар шароити ҳарорати баланди водии Ҳисор камшавии шумораи гулбаргҳо ба мушоҳида расид, ки аз таъсири

омили ҳароратӣ шаҳодат медиҳад. Аз рӯи шиддати бӯй дар 46%-и растаниҳо бӯи қавӣ, дар 36% бӯи миёна ва дар 17% бӯи суст ё тамоман набудани бӯй ба қайд гирифта шуд.

Растаниҳо қобилияти ҳосил намудани мева доранд, вале аҳаммияти асосии хоҷагидорӣ ба гулҳои онҳо вобаста мебошад, зеро маҳз онҳо барои истеҳсоли равғани эфирӣ ва оби садбарг истифода мешаванд. Дар маҷмӯъ, *R.× damascena M*. бо мутобиқшавии баланд, ороишнокии хуб, гулҳои калони пурбаргу хушбӯй ва дурнамои васеъ барои парвариши саноатии садбарги равғандеҳ дар шароити водии Ҳисор тавсиф мешавад.

Растаниҳои *R.× damascena M*. бо ҷойгиршавии навбатии баргҳои мураккаби тоқпармонанд тавсиф мешаванд, ки аз 3–5 (камтар то 7) баргча иборат мебошанд. Баргпаҳнакҳо зич буда, шакли тухмшакл ё гирд доранд, канораҳои онҳо дандонадор буда, ранги сабз ё сабзи хокистаргун дошта, қисми болоии онҳо ҷилои намоён дорад.

Гулҳо калон, гулобиранги равшан ва хушбӯй буда, дар гулбандҳои ковок ҷамъ омадаанд. Қутри гулҳо аз 4 то 7 см мебошад. Гулбаргҳо сохти нозук ва ранги мулоим доранд, ки ба навъ ҷолибияти эстетикӣ мебахшад.

Гулбаргҳои тоҷи гули *R. × damascena* шакли васеъ тухмшакли баръакс дошта, дар нӯги худ чуқурчаи хурд доранд. Онҳо ба тарафи асос борик шуда, нохунаки кӯтоҳ ташкил медиҳанд. Қисми болоии гулбаргҳо арғувонии сиёҳтоб ва қисми поёнии онҳо гулобиранг мебошад. Шумораи гулбаргҳо аз 30 то 55 адад буда, баъзан то 75 адад мерасад. Ин хусусиятҳои гулбаргҳо ба гулҳои садбарги омӯхташаванда намуди беназир ва ҷолиб мебахшанд, ки онҳоро барои боғдории ороишӣ ва истеҳсоли равғани садбарг махсусан арзишманд мегардонад.

Буттаҳо аз навдаҳои мустаҳками ростқомат ташаккул ёфта, баландии онҳо ба 50–160 см мерасад. Дар шароити водии Ҳисор масоҳати баргҳо 43,7–94,5 см^2-ро ташкил дода, сатҳи норасоии сублеталии об дар ҳудуди 26–33% нигоҳ дошта мешавад, ки аз дараҷаи баланди тобоварии растанӣ ба хушксолӣ шаҳодат медиҳад.

Мутобиқшавии растанӣ ба шароити маҳаллӣ бо қобилияти баланди навдаҳосилкунӣ алоқаманд мебошад. Ду намуди асосии навдаҳо ҷудо карда шуданд: навдаҳои ташаккулдиҳанда, ки шохаҳои асосии скелетии буттаро ба вуҷуд меоранд ва навдаҳои иловагӣ, ки навдаҳои рӯякӣ ва ивазкунандаро дар бар мегиранд. Ҳамаи ин навъҳои навдаҳо қобилияти ташаккули узвҳои генеративиро доранд.

Пас аз анҷоми давраи оромии зимистона рушди фаъоли навдаҳо баъди гузаронидани буриши баҳорӣ оғоз меёбад. Дар давраи вегетатсионӣ чор даври навдаҳосилкунӣ мушоҳида гардида, барои идомаи тӯлонии гулкунӣ мусоидат менамояд. Дар марҳилаи гулкунии оммавӣ баландии буттаҳо ба 145 ± 5,05 см ва қутри онҳо ба 152 ± 4,68 см мерасад. Дар ташаккули ҳосил навдаҳои дараҷаҳои II ва III нақши асосӣ мебозанд.

Муайян карда шуд, ки навдаҳои генеративӣ бартарӣ дошта, дар сатҳҳои гуногуни шохаронӣ гул ҳосил менамоянд. Сохтори гуногунсинниии бутта ва ташаккули доимии навдаҳои нави шаклдиҳанда рушди устувори растанӣ ва мутобиқшавии онро ба шароити водии Ҳисор таъмин менамояд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои ташаккули навдаҳои афзоишӣ, дона

Дараҷаи навдаҳо	Навъи навдаҳо	Шумораи навдаҳои

		афзоишӣ, дона
Навдаҳои дараҷаи I	Генеративӣ	5,1 ± 1,48
	Вегетативӣ	4,2 ± 0,69
Навдаҳои дараҷаи II	Генеративӣ	16,3 ± 2,38
	Вегетативӣ	1,3 ± 3,18
	Генеративӣ	11,1 ± 2,55
	Вегетативӣ	4,1 ± 0,49
Навдаҳои дараҷаи III	Генеративӣ	2,2 ± 1,28
	Вегетативӣ	1,2 ± 0,78

Натиҷаҳои тадқиқоти мо, ки дар ҷадвали 1 оварда шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки «дар намояндагони *R. × damascena* Mill., ки дар ҳудуди водии Ҳисор мерӯянд, навдаҳои генеративӣ бартарӣ доранд. Инчунин муайян карда шуд, ки узвҳои гули онҳо метавонанд дар тартибҳои гуногуни навда ташаккул ёбанд».

Қисми болои заминии бутта бо системаи мураккаби навдаҳо тавсиф ёфта, аз шохаҳои сершумори синну соли гуногун иборат аст. Тани асосӣ, чун қоида, асосан дар растаниҳои яксола ифода ёфта, минбаъд дар давоми 1–2 сол хушк мешавад ва ҷои худро ба навдаҳои нав ташаккулёбанда медиҳад. Пояи марказии навда ба афзоишҳои тартиби сифрӣ мансуб аст, ки дар он минбаъд навдаҳои тартиби дуюм гузошта мешаванд.

Бо назардошти он ки афзоиши солонаи шохаҳо пас аз зимистонгузаронӣ, чун қоида, аз навдаҳои яксола иборат аст, афзоиши дарозии онҳо новобаста аз тартиби шохронӣ асосан дар доираи як давраи нашъунамо сурат мегирад.

Натиҷаҳои мушоҳидаҳои гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки намояндагони *R. × damascena* бо фаъолнокии баланди навдапайдокунӣ фарқ карда, ба шароити экологию иқлимии водии Ҳисор дараҷаи хуби мутобиқшавӣ зоҳир менамоянд.

Ҳосилнокии баланди гулҳо дар якҷоягӣ бо ҷамъшавии назарраси пайвастагиҳои равғани эфирӣ аз арзиши баланди хоҷагидории растании омӯхташаванда шаҳодат медиҳад ва имкон медиҳад, ки он ҳамчун зироати ояндадор барои парвариши саноатӣ баррасӣ карда шавад. Хусусиятҳои морфологии муайяншудаи *R. × damascena* Mill. ҳам барои истеҳсолкунандагоне, ки ба парвариши он машғуланд, ва ҳам барои мутахассисони тарроҳии ландшафтӣ, ки садбаргро дар ороиши ҳудудҳо истифода мебаранд, аҳамияти амалӣ доранд.

Яке аз хусусиятҳои асосии биологии *R.× damascena M.* қобилияти баланди навдаҳосилкунӣ мебошад, ки ташаккули навдаҳои намудҳои гуногунро дар давоми мавсими вегетатсионӣ таъмин менамояд. Дар шароити водии Ҳисор давраи тӯлонии гарм, радиатсияи баланди офтобӣ ва таъминоти кофии намӣ барои рушди фаъоли навдаҳо ва ташаккули узвҳои генеративӣ шароити мусоид фароҳам меоранд.

Рушди нисбатан пуршиддати буттаҳо дар 3–5 соли аввали баъди шинонидан ба мушоҳида мерасад, ки дар ин давра низоми реша, шохаҳои асосии скелетӣ ташаккул ёфта, муҷҳаҳои гулӣ гузошта мешаванд. Минбаъд маҳсулнокии навдаҳои кӯҳна коҳиш меёбад, бинобар ин барои нигоҳ доштани ҳосилнокӣ гузаронидани буриши ҷавонкунанда зарур мебошад, ки ташаккули навдаҳои навро ҳавасманд мегардонад.

Барқароршавии растаниҳо аз ҳисоби навдаҳои решагӣ ва поягӣ таъмин карда мешавад. Хориҷ намудани шохаҳои кӯҳна ва каммаҳсул ба навшавии бутта, баланд

шудани қобилияти ҳаётӣ ва дароз гардидани давраи истифодаи хоҷагидории он мусоидат менамояд.


Таҳқиқоти муҳлатҳои гуногуни буриш (баҳорӣ, тобистона ва тирамоҳӣ) нақши муҳими онҳоро дар танзими рушд ва маҳсулнокии гул нишон доданд. Буриши баҳорӣ ташаккули навдаҳои навро ҳавасманд намуда, буриши тобистона ба шаклгирии бутта ва хориҷ намудани гулпӯшҳои гулкарда мусоидат мекунад, дар ҳоле ки буриши тирамоҳӣ ҳолати фитосанитарии растаниҳоро таъмин менамояд.

Таҳқиқоти бисёрсола (солҳои 2002–2024) муайян намуданд, ки буриши нисфӣ самараноктарин усул буда, омезиши муносиб байни нигоҳдории навдаҳои бисёрсолаи ҳосилдеҳ ва ташаккули навдаҳои ҷавонро таъмин менамояд, ки ба устувории ҳосилнокӣ мусоидат мекунад. Буриши пурра ташаккули навдаҳои ҷавонро тақвият медиҳад, вале муваққатан маҳсулнокиро коҳиш медиҳад. Буриши сабук бошад, аз ҳисоби нигоҳ доштани шумораи зиёди шохаҳои ҳосилдиҳанда гулкунии устуворро таъмин менамояд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Таъсири навъи буриш ба маҳсулнокии гули буттаҳои *R.× damascena M*.

Соли таҳқиқот	Навъи буриши буттаҳо	Шумораи гулҳои ҷамъоваришуда				Ҷамъ	Миёна
		I	II	III	IV	V**	X-***
2022	Баланд	42	52	32	48	174	43,5
	Миёна	24	37	23	37	121	39,5
	Паст	18	25	16	26	85	27,5
Ҷамъ P*	-	84	114	71	111	380	95,0
2023	Баланд	30	43	49	56	178	44,5
	Миёна	21	35	38	42	136	34,0
	Паст	16	26	29	21	92	23,0
Ҷамъ (P)		67	104	116	119	406	101,5
Дар маҷмӯъ барои ду сол	Баланд	72	95	81	104	352	88,0
	Миёна	45	72	61	79	257	64,25
	Паст	34	51	45	47	117	44,25
Ҷамъ (P)		151	218	187	230	786	613,5
2024	Баланд	42	52	32	48	174	43,5
	Миёна	24	37	23	37	121	39,5
	Паст	18	25	16	26	85	27,5

Бо мақсади дақиқ муайян намудани таъсири дараҷаи кӯтоҳкунии навдаҳо се варианти буриш омӯхта шуданд: буриши баланд (30–35 см, 6–10 муғҷа), буриши миёна (20–25 см, 4–5 муғҷа) ва буриши паст (10–15 см, 2–3 муғҷа) (расми 4).



Расми 4. Схемаҳои ташаккул ва рушди низоми навдаҳои буттаҳои *R.× damascena M*. вобаста ба дараҷаи буриш (солҳо): а — буриши баланд; б — буриши миёна; в — буриши паст (● — навдаҳои гулдор; ─ навдаҳои бемева (кӯр)).

Буриши баланд ташаккули босуръати навдаҳо, рушди пурқуввати дастгоҳи баргӣ ва оғози барвақтии гулкуниро таъмин намуд, ки нисбат ба буриши паст 10–15 шабонарӯз барвақттар ба амал меомад. Буриши миёна ба рушди мутавозини растаниҳо, гулкунии хуб ва ҳосилнокии баланд мусоидат намуд. Буриши паст бошад, боиси кам шудани шумораи навдаҳо, рушди сусти сатҳи баргӣ, таъхири гулкунӣ ва паст гардидани маҳсулнокӣ гардид.

Фарқиятҳои мушоҳидашуда ба хусусиятҳои ташаккули дастгоҳи ассимилятсионӣ вобаста мебошанд: ҳангоми буриши баланд шумораи зиёди муғҷаҳо нигоҳ дошта шуда, миқдори навдаҳо ва баргҳо зиёд мегардад, ки ин раванд фотосинтез ва ташаккули узвҳои генеративиро тақвият медиҳад. Буриши миёна таносуби мусоиди байни рушди вегетативӣ ва гулкуниро таъмин менамояд, дар ҳоле ки буриши паст рушди сатҳи баргро маҳдуд намуда, ба пастшавии ҳосилнокӣ оварда мерасонад.

Дар асоси мушоҳидаҳои мо (2025) «таҳлили инкишофи растаниҳо ҳангоми истифодаи усулҳои гуногуни буришот тафовутҳои назарраси суръати афзоиш ва суръати навдарӯии навдаҳоро нишон дод, ки ин дар навбати худ ба мӯҳлатҳои гулкунӣ ва ҳолати умумии буттаҳо таъсир мерасонад. Ҳангоми буриши баланд растаниҳо бо инкишофи хеле босуръаташон фарқ мекарданд, дастгоҳи ассимилятсионии хуб инкишофёфта ташаккул медоданд ва энергияи офтобу моддаҳои ғизоиро самаранок аз худ мекарданд; гулкунӣ дар чунин буттаҳо 10-15 рӯз пештар аз растаниҳое, ки буриши паст гирифта буданд, оғоз мешуд. Ҳангоми буриши миёна нишондиҳандаҳои мӯътадили афзоиш мушоҳида шуданд; буттаҳо нисбат ба буриши баланд каме сустар инкишоф меёфтанд, аммо аз рӯӣ муҳлати гулкунӣ аз растаниҳои бо буриши паст 2-3 рӯз пеш мегузаштанд ва дар айни замон ҳосили хуби гулро таъмин мекарданд. Буриши паст бо инкишофи сусттари буттаҳо ҳамроҳ мешуд, ки сабабаш камии шумораи навдаҳо ва инкишофи заифи дастгоҳи баргӣ гардида буд; гулкунӣ дар чунин растаниҳо дертар - 10-15 рӯз - нисбат ба буттаҳои бо бурриши баланд ва миёна ташаккулёфта фаро мерасид» [6-М].

Ҳамин тариқ, дараҷаи буриш ба шаклгирии бутта, навдаҳосилкунӣ, муҳлати гулкунӣ ва маҳсулнокии *R.× damascena M*. таъсири назаррас мерасонад. Барои

ниҳолзорҳои саноатӣ дар шароити водии Ҳисор буриши миёна (нисфӣ) самараноктарин усул ба ҳисоб рафта, рушди муътадил, гулкунии хуб ва маҳсулнокии дарозмуддати растаниҳоро таъмин менамояд.

Муваффақияти интродуксияи *R.× damascena M.* дар шароити водии Ҳисор аз мутобиқати ритмҳои биологии он ба шароити иқлимии маҳаллӣ вобаста мебошад. Мушоҳидаҳои фенологии солҳои 2020–2025 устувории рушди мавсимии растаниҳоро нишон дода, робитаи зичи марҳилаҳои асосии инкишофро бо низоми ҳароратӣ тасдиқ намуданд (расми 5).

Иқлими минтақа (ҳарорати миёнаи солона +12...+14°C, миқдори боришот 400–600 мм, тобистони гарму хушк ва зимистони мулоим) барои парвариши ин зироат мусоид мебошад. Давраи вегетатсия дар нимаи дуюми моҳи феврал ҳангоми аз +5°C баланд шудани ҳарорати миёнаи шабонарӯзӣ оғоз меёбад. Кушодашавии баргҳо дар аввали моҳи апрел ба амал омада, рушди фаъоли навдаҳо бо давраи гулкунӣ рост меояд. Дар 15–20 рӯзи аввал тақрибан 55–65%-и афзоиши солонаи навдаҳо ташаккул меёбад.



Расми 5. Муҳлатҳои оғоз ва давомнокии марҳилаҳои фенологии *R.× damascena M.* дар шароити водии Ҳисор

Давраи фенологӣ варам кардани муғҷаҳо, рушди дастгоҳи баргӣ, ғунчабандӣ дар охири моҳи апрел, гулкунии оммавӣ дар охири апрел – аввали моҳи май бо давомнокии 25–45 шабонарӯз ва анҷоми давраи вегетатсия дар охири моҳи ноябрро дар бар мегирад. Дар ҳолати ҷамъоварӣ нагардидани гулҳо меваҳо ташаккул ёфта, дар давоми 70–85 шабонарӯз пухта мерасанд.

Рушд ва шохаронии буттаҳо аз фаъолияти муғҷаҳои нӯгӣ ва паҳлуӣ вобаста мебошанд. Муғҷаи нӯгӣ дарозшавии навдаро таъмин менамояд, аммо баъд аз хориҷ кардани он рушди муғҷаҳои паҳлуӣ пурзӯр гардида, ба ташаккули навдаҳои нав ва барқароршавии бутта пас аз буриш мусоидат мекунад.

Ташаккули муҷаҳои генеративӣ дар охири давраи зимистон оғоз гардида, раванди органогенез ташаккули унсурҳои гулпӯш, гулбаргҳо ва узвҳои репродуктивиро дар бар мегирад. Давомнокии давраи ғунчабандӣ аз 6 то 28 шабонарӯзро ташкил дода, ба шароити обу ҳаво вобаста мебошад.


Тавре аз маълумоти пешниҳодшуда бармеояд, гузаштани марҳилаҳои фенологӣ дар узвҳои вегетативӣ ва генеративӣ ҳамзамон сурат намегирад ва бо пайдарпайии муайян тавсиф меёбад. Давраи нашъунамо пас аз анҷоми оромии маҷбурӣ, ки дар моҳҳои январ–феврал мушоҳида мешавад, оғоз меёбад. Бо фаро расидани шароити мусоиди ҳароратӣ дар охири феврал – нимаи аввали март варамидани муҷчаҳо ва сипас кушода шудани онҳо ба қайд гирифта мешавад. Пас аз кушода шудани муҷчаҳо афзоиш ва инкишофи шадиди навдаҳо оғоз меёбад, ки амалан то охири сентябр идома меёбад. Ҳамзамон дастгоҳи баргӣ ташаккул меёбад, ки фаъолияти фотосинтетикии растаниҳоро дар тамоми давраи нашъунамои фаъол таъмин менамояд. Инкишофи узвҳои генеративӣ пеш аз афзоиши оммавии навдаҳо оғоз ёфта, ташаккули навдаҳои генеративӣ ва сипас тафриқаи муҷчаҳои гулро дар бар мегирад. Дар охири апрел – аввали май растаниҳо ба марҳилаи ғунчабандӣ ворид мешаванд, ки пас аз он ранг гирифтани ғунчаҳо мушоҳида мешавад. Оғози гулкунӣ дар охири апрел рух медиҳад. Давомнокии гулкунӣ на он қадар зиёд буда, пас аз он ташаккули меваҳо оғоз меёбад.

Дар охири ноябр давраи нашъунамо ба анҷом мерасад ва дар охири ноябр растаниҳо ба ҳолати оромии зимистона мегузаранд.

Ҳамин тавр, инкишофи фенологии *R. × damascena* Mill. дар шароити ноҳияи Шаҳринав бо оғози барвақти нашъунамо ва афзоиши шадид дар давраи баҳору тобистон тавсиф меёбад. Пайдарпайии муайяншудаи гузаштани марҳилаҳои фенологӣ аз қобилияти хуби мутобиқшавии ин намуд ба шароити хоку иқлимии минтақаи тадқиқот шаҳодат дода, ритми устувори мавсимии инкишофи онро инъикос менамояд.

Бо зиёд шудани соли растаниҳо равандҳои рушд тағйир меёбанд: навдаҳои ҷавон бо суръати баланди рушд фарқ мекунанд, дар ҳоле ки аз соли дуюм сар карда онҳо чӯбин шуда, устувории онҳо зиёд мегардад ва шохаҳои дараҷаҳои минбаъда ташаккул меёбанд. Дар маҷмуъ, ин растанӣ дар шароити водии Ҳисор мутобиқшавии баланд ва ритми устувори мавсимии рушдро нишон медиҳад.

Афзоиши бештарини навдаҳо дар соли аввали рушд мушоҳида гардида, дарозии миёнаи навдаҳои яксола ба 106,3 см мерасад. Дар соли дуюм афзоиш то 30,5 см коҳиш ёфта, то соли чорум ба 6,3 см мерасад, ки ин ба гузариши растанӣ аз рушди пуршиддати вегетативӣ ба нигоҳдории сохтори ташаккулёфтаи бутта ва рушди генеративӣ вобаста мебошад (расми 6).



Расми 6. Тағйирёбии афзоиши навдаҳо вобаста ба зиёд шудани синни бутта

Пас аз анҷоми рушди навдаҳои асосӣ инкишофи шохаҳои паҳлуӣ пурзӯр гардида, ба зиёд шудани ҳаҷми шохасор мусоидат менамояд. Бо зиёд шудани синну соли растанӣ фаъолияти муҳаҷаи нӯгӣ коҳиш ёфта, ташаккули бутта асосан аз ҳисоби навдаҳои паҳлуӣ амалӣ мегардад, ки шохаронии зичро таъмин мекунанд.

Мушоҳидаҳои мо (2025) нишон доданд, «ки бо баланд шудани синну соли растанӣ ва афзоиши тартиби шахаҳо, дар дарозӣ ва сохтори онҳо тағйирёбӣ рух медиҳад. Дар соли якуми ҳаёт навдаҳо ба таври фаъол дар баланди мерӯянд, ба дарозии максималӣ мерасанд, дар ҳоле, ки нарм ва чандир боқӣ мемонанд. Аз соли дуюми ҳаёт раванди чӯбшавӣ оғоз мешавад, ки ба шохаҳо мустаҳкамӣ ва устуворӣ мебахшад. Шохаҳои тартиби якум, ки болои шахаҳои чӯбшуда ба вуҷуд меоянд, нисбат ба навдаҳои асосӣ дарозии камтар доранд. Бо афзоиши тартиби шохаҳо тамоюли кӯтоҳшавии дарозии онҳо мушоҳида мешавад, ки ин бо маҳдудиятҳои физиологӣ ва тақсимоти захираҳо дар дохили растанӣ алоқаманд аст. Ин маълумот имкон медиҳад, ки динамикаи афзоиш ва инкишофи растаниҳо беҳтар дарк карда шавад, ки ин метавонад барои мувофиқсозии усулҳои агротехникӣ ва беҳбуди маҳсулнокии растанӣ истифода шавад» [12-М].

Дар шароити водии Ҳисор дар *R.× damascena M*. давраи равшани оромии амиқи зимистона мушоҳида намегардад. Растаниҳо то охири тирамоҳ вегетатсияро идома медиҳанд, бинобар ин муҳаҷаҳо ба фасли зимистон дар марҳилаҳои гуногуни рушд ворид мешаванд, ки ин аломати муҳими мутобиқшавӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, ин зироат бо оғози барвақтии вегетатсия, суръати баланди рушди баҳорӣ, давраи тӯлонии вегетатсионӣ, қобилияти фаъоли навдаҳосилкунӣ ва мутобиқшавии хуб ба шароити иқлимии водии Ҳисор тавсиф мешавад. Ин хусусиятҳо барои такмили технологияи парвариш ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли саноатии садбарги равғани эфирдеҳ аҳаммияти муҳим доранд.

Ташаккули узвҳои генеративии *R.× damascena M*. дар шароити водии Ҳисор аз низоми ҳароратӣ, таъминоти намӣ ва усулҳои агротехникӣ вобаста мебошад. Давраи рушди навдаи генеративӣ аз варам кардани муҳаҷаҳо то ранг гирифтани ғунчаҳо 50–70 шабонарӯзро ташкил медиҳад. Баланд шудани ҳарорат раванди органогенезро метезонад, дар ҳоле ки ҳавои салқину намнок барьакс ин равандро суст менамояд.

Дар таҳқиқоти худ А.П.Челомбит (2010) қайд мекунад, ки: «барои буттаҳои садбарг нисбат ба таъминоти намӣ ду давраи бухронӣ ҷудо карда мешавад. Якуми онҳо

ба баҳори барвақт рост меояд - аз оғози фазаи кушода шудани баргҳо то ибтидои бутонизатсия. Дар ин вақт ташаккули фаъоли узвҳои генеративӣ ва қисман вегетативӣ рух медиҳад. Давраи дуюми буҳронӣ пас аз анҷоми гулкунӣ фаро мерасад, вақте, ки дар растанӣ бештар аз нисфи афзоиши солона ташаккул меёбад ва навдаҳои ҳосили ояндаро ба вуҷуд меоранд» [27].

Муғҷаҳои гулӣ якбора инкишоф намеёбанд: аввал муғҷаҳои қисми болоии шохасор, ки равшаншавии хуб доранд, ташаккул меёбанд. Шиддатнокии буриш ба тақсимоти моддаҳои ғизоӣ ва суръати ташаккули узвҳои генеративӣ таъсир мерасонад.

Гулкунӣ дар охири моҳи апрел – моҳи май оғоз ёфта, ба шароити обу ҳаво вобаста мебошад. Мувофиқи маълумоти мушоҳидаҳои солҳои 2020–2025 давомнокии гулкунӣ 19–38 шабонарӯз, давомнокии ҳаёти як гул 5–10 шабонарӯз ва давраи гулкунии оммавии бутта 30–40 рӯзро ташкил медиҳад. Шароити мусоид барои гулкунии тӯлонӣ ҳарорати муътадил (+18...+22°C) ва намнокии кофӣ мебошад; ҳарорати баланд давраи гулкуниро кӯтоҳ намуда, сифати гулҳоро паст мекунад.


Кушодашавии ғунчаҳо аз гули нӯгии гулпӯш оғоз шуда, тадриҷан ба гулҳои паҳлуӣ мегузарад, ки ин ба гулкунии якмароми бутта мусоидат менамояд. Гардолудшавӣ асосан тавассути ҳашарот, дар навбати аввал занбӯри асал амалӣ гардида, гардолудшавии мутакобилаи самаранок ва ташаккули тухмиро таъмин мекунад.

Дар шароити водии Ҳисор вегетатсия дар даҳаи дуюм–сеюми моҳи феврал оғоз ёфта, ғунчабандӣ дар нимаи аввали моҳи апрел, гулкунӣ дар охири моҳи апрел–моҳи май ба амал меояд ва давраи умумии вегетатсионӣ 240–250 шабонарӯзро ташкил медиҳад. Оғози марҳилаҳои фенологӣ бо низоми ҳароратӣ алоқаманд буда, кушодашавии муғҷаҳо пас аз устуворона аз +5°C гузаштани ҳарорати миёнаи шабонарӯзӣ ва ғунчабандӣ дар ҳарорати +6...+18°C мушоҳида мегардад. Натиҷаҳои бадастомада мутобиқшавии баланди ин зироатро ба шароити минтақа тасдиқ менамоянд.

Ҳадафи асосии парвариши *R.× damascena M*. истеҳсоли равғани эфирӣ мебошад, ки асосан дар гулбаргҳои гул ҷамъ мешавад. Таркиби биокимиёвии равғани эфирӣ арзиши саноатӣ ва дурнамои истифодаи онро дар саноати атриёт ва косметика, фармасевтӣ ва тиббӣ муайян менамояд [18, 19, 27, с. 466-469].

Таркиби компонентии равғани эфирӣ бо усули хроматографияи моеии баландсамаранок (ХМБС) таҳқиқ карда шуд, ки имконияти муайян намудани сифат ва миқдории пайвастагиҳои асосии фаъоли биологиро фароҳам меорад [21, с. 211–216; 23, с. 24–36].

Натиҷаҳои таҳлил нишон доданд, ки дар таркиби равғани эфирӣ спиртҳои асосии терпенӣ - ситронеллол, гераниол ва нерол бартарӣ доранд (расми 6).



Расми. 7. Таркиби равғани эфирӣ дар гулбаргҳои R. x damascene M.

Миқдори ситронеллол тақрибан 25 %, гераниол 15 % ва нерол 8 %-ро ташкил дод. Ҳиссаи умумии компонентҳои асосии хушбӯй тақрибан ба 40 % мерасад, ки аз арзиши баланди хушбӯйии равғани эфирии таҳқиқшуда шаҳодат медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки равғани эфирии навъи таҳқиқшуда бо миқдори зиёди компонентҳои асосии ташаккулдиҳандаи бӯй тавсиф мешавад, ки бӯи хос ва фаъолнокии биологии онро муайян менамоянд. Ситронеллол ҷузъи асосии равғани садбарг буда, гераниол ба он бӯи равшани гулӣ мебахшад ва нерол рангҳои мулоими гулӣ-лимӯиро таъмин менамояд [7-М].

Бо мақсади арзёбии сифати ашёи хоми таҳқиқшуда маълумоти бадастомада бо талаботи стандарти байналмилалии ISO 9842 барои равғани садбарги пайдоиши булғорӣ ва туркӣ муқоиса карда шуданд (ҷадвали 3).

Таҳлили муқоисавӣ нишон дод, ки миқдори компонентҳои асосии равғани эфирӣ дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи стандарти байналмилалӣ қарор дошта, ин ҳолат иқтидори баланди саноатии навъи таҳқиқшавандаро тасдиқ менамояд [7-М].

Шароити мусоиди водии Ҳисор барои парвариши *R.× damascena M*. ҳамзамон ба паҳншавии ҳашароти зараррасон ва бемориҳо низ мусоидат менамояд. Аз ҷумлаи ҳашароти зараррасони бештар паҳншуда ширинчаи садбарг, канаи тортанакмонанд, аррамагасии садбарг, кирми баргпечаки садбарг ва гамбӯсаки дарозбини малинаву заминтуқӣ ба ҳисоб мераванд. Зарари бештарро ширинчаи садбарг расонида, навдаҳои ҷавон, баргҳо ва ғунчаҳоро осеб медиҳад. Ҳамчунин фулусҳо ва аррамонандҳо низ

Ҷадвали 3. Муқоисаи таркиби компонентии равғани эфирии *R.× damascena M*. бо талаботи стандарти ISO (намунаҳои булғорӣ ва туркӣ)

Нишондиҳандаи компонент	Натиҷаи мо	Диапазони эталонӣ (ISO 9842, Булғория/Туркия)	Вазъи мутобиқат
Ситронеллол	25 %	20–34 %	Мутобиқ аст
Гераниол	15 %	15–22 %	Мутобиқ аст
Нерол	8 %	15–22 %	Мутобиқ аст
Σ (ситронеллол + гераниол)	40 %	~38–56 % (дар маҷмӯъ тибқи	Мутобиқ аст

		намунаҳои эталонӣ)	
Дигар маркерҳо (нонадекан, генейкозан, спирти фенилэтилӣ)	Бо усули ХМБС муайян карда нашудаанд	Дар ISO бо усулҳои ГХ/ГХ-МС ба танзим дароварда мешаванд	Таҳлили иловагӣ зарур аст

зарари назаррас расонида, фаъолияти фотосинтезӣ ва маҳсулнокии растаниҳоро паст менамоянд.

Таҳқиқоти гузаронидаи мо (2023) нишон доданд, ки: «бемориҳо дар баробари зараррасонҳо ба ҳолати буттаҳои *R.× damascena M.* дар шароити водии Ҳисор таъсири назаррас мерасонанд. Осебҳое, ки аз тарафи ҳашарот расонида мешавад, ба дохилшавии микроорганизмҳои патогенӣ - занбуруғҳо, вирусҳо ва бактерияҳо мусоидат мекунанд, ки равандҳои физиологии растаниро вайрон карда, афзоиш ва маҳсулнокии онҳоро суст мегардонанд, дар баъзе ҳолатҳо бошад боиси марги онҳо мегарданд. Организмҳои зараррасон метавонанд дар хок ё дар боқимондаҳои растанӣ дар шакли спораҳо ва кирмакҳо боқӣ монда, давраи сироятро сол ба сол идома диҳанд. Ин боиси сустшавии умумии растаниҳо, паст шудани тобоварии онҳо ба стрессҳо ва тадриҷан бадшавии сифатҳои ороишӣ ва хоҷагӣ мегардад» [1-М].

Рушди ҳашароти зараррасон назорати доимии фитосанитарӣ ва гузаронидани чорабиниҳои муҳофизатиро бо дарназардошти хусусиятҳои биологии онҳо ва динамикаи мавсимӣ тақозо менамояд.

Аз байни бемориҳо бештар сафедак, доғзании сиёҳ, зангзанӣ, мозаикаи вирусӣ ва пӯсиши реша паҳн шудаанд. Ин бемориҳо баргҳо, навдаҳо ва низоми решаро зарар расонида, равандҳои физиологиро халалдор менамоянд, фотосинтезро коҳиш дода, боиси паст шудани ҳосилнокӣ мегарданд. Бемориҳои аз ҳама хатарнок сафедак ва доғзании сиёҳ ба ҳисоб рафта, ба рушд, инкишоф ва сифати ашёи хоми равғани эфирӣ таъсири назаррас мерасонанд.

Қаламчакунии сабз яке аз усулҳои самараноктарини афзоиши вегетативии *R.× damascena M*. буда, имконияти ба даст овардани маводи ниҳолии аз ҷиҳати генетикӣ якхела, бо сатҳи баланди зиндамонӣ, оғози барвақтии гулкунӣ ва маҳсулнокии хубро таъмин менамояд [12, с. 6–12].

Бо мақсади такмили технологияи афзоиши ин растанӣ дар шароити водии Ҳисор таҳқиқот оид ба омӯзиши таъсири танзимгарони рушд ва субстратҳои гуногун ба решагирии қаламчаҳои сабз гузаронида шуданд. Таҷрибаҳо дар шароити гармхона иҷро гардиданд. Ба сифати ангезандаҳои рушд - гетероауксин, сиркон ва корневин, инчунин варианти назоратӣ (коркард бо об) истифода шуданд. Се навъи субстрат санҷида шуданд: перлит, торф ва омехтаи қум бо хок. Дар ҳар як вариант 100 адад қаламча дар се такрор истифода гардид. Муҳлати решагирии оммавӣ, шумораи решаҳои ҳосилшуда, ҳаҷми низоми решагӣ ва фоизи решагирӣ арзёбӣ карда шуданд (Ҷадвали 4).

Ҷадвали 4. Таъсири субстрат ва танзимгарони рушд ба раванди решагирии қаламчаҳои *R.× damascena M*.

Субстрат	Шумораи рӯзҳо то решагирии	Шумораи решачаҳо, дона	Ҳаҷми низоми реша, мм3	Решагирӣ,%

	оммавӣ, рӯз			
Назорат (коркард бо об)				
Перлит	27	1,8 ± 0,5	0,1 ± 0,06	56
Торф	28	2,3 ± 0,6	0,1 ± 0,05	66
Қум; хок	25	2,2 ± 0,6	0,1 ± 0,03	62
Коркард бо Корневин				
Перлит	32	0,8 ± 0,3	0,1 ± 0,06	26
Торф	36	1,1 ± 0,4	0,1 ± 0,06	29
Коркард бо Сиркон				
Перлит	20	5,1 ± 1,6	0,7 ± 0,4	80
Торф	22	6,0 ± 0,6*	0,40 ± 0,06	91
Қум; хок	22	5,1 ± 1,8	0,6 ± 0,06	86
Коркард бо Гетероауксин				
Перлит	18	6,41,4 *	1,20,40 *	98
Торф	14	7,31,0 **	1,40,10 **	100
Песок; грунт	15	8, 21, 4 *	1,30,80	100

*, **, *** — фарқият нисбат ба назорат мутаносибан дар сатҳи $P < 0,05$; $P < 0,01$ ва $P < 0,001$ эътимоднок мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки гетероауксин самараноктарин ангезандаи рушд мебошад. Ҳангоми истифодаи он решагирӣ пас аз 14–18 шабонарӯз оғоз гардида, шумораи решаҳо ба 6,4–8,2 адад, ҳаҷми низоми решагӣ ба 1,2–1,4 мм³ ва дараҷаи решагирӣ ба 98–100% расид (ҷадвали 4). Натиҷаи баландтарин (100%) ҳангоми истифодаи торф ва омехтаи қум бо хок ба даст оварда шуд.

Самаранокии баланд ҳамчунин ҳангоми истифодаи сиркон ба қайд гирифта шуд, ки дар ин ҳолат сатҳи решагирӣ 80–91%-ро ташкил дод, дар ҳоле ки истифодаи корневин натиҷаи нисбатан паст нишон дода, нишондиҳандаи решагирӣ ҳамагӣ 26–29%-ро ташкил намуд. Дар варианти назоратӣ фоизи решагирии қаламчаҳо дар ҳудуди 56–66% қарор дошт [20-М].

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки гетероауксин на танҳо фоизи решагириро зиёд мекунад, балки ташаккули низоми решаи нисбатан рушдёфтаро низ таҳрик дода, раванди ризогенезро метезонад. Дар байни субстратҳои таҳқиқшуда торф барои решагирии қаламчаҳо шароити мусоидтаринро таъмин намуд.

Тибқи маълумоти H.T. Hartmann et.al. (2010): «дар заминаи парвариши саноатии садбарг, қаламчакунии анъанавӣ ҳамчун усули асосии афзоиш баррасӣ мешавад. Ниҳолҳои бо ин роҳ бадастомада инкишофи тезонидашуда, гулкунии барвақт ва якхелагии баланд, ҳам дар сатҳи физиологӣ ва ҳам дар сатҳи генетикӣ нишон медиҳанд. Онҳо бо тобоварии афзоишёфта, маҳсулнокӣ ва давомнокӣ, инчунин қобилияти регенератсияи фаъол фарқ мекунанд» [28].

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда нишон доданд, ки шароити табиӣ-иқлимии водии Ҳисор барои парвариши саноатии *R.× damascena M*. мусоид мебошанд. Давраи дарозмуддати вегетатсионӣ, зимистони мулоим, радиатсияи баланди офтобӣ, хокҳои ҳосилхез ва таъминоти кофии гармӣ барои рушду инкишофи растаниҳо, ташаккули ҳосили устувор ва истеҳсоли ашёи хоми баландсифати равғани эфирӣ шароити оптималӣ фароҳам меоранд.

Самаранокии баланди парвариши саноатии ин зироат ҳангоми истифодаи маводи ниҳолии солим ва худреша, ки бо усули қаламчакунии сабз парвариш шудааст, риояи нақшаи оптималии шинондан, низоми оқилонаи ғизодиҳӣ ва обёрӣ, гузаронидани буриши саривақтӣ, инчунин татбиқи чораҳои мукаммали муҳофизати растаниҳо аз ҳашароти зараррасон ва бемориҳо таъмин карда мешавад.

Барои рушди минбаъдаи соҳаи садбаргпарварии равғандеҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси ниҳолхонаҳои махсусгардонидашуда, ташкили киштзорҳои модарӣ, такмили технологияҳои афзоиш, парвариш ва коркарди ашёи хом, инчунин ҷорӣ намудани усулҳои муосири биотехнологии селексия ва истеҳсоли маводи ниҳолӣ зарур мебошад.

Таҳқиқоти гузаронидашуда дар солҳои 2023–2025 қобилияти баланди мутобиқшавии *R.× damascena M.*-ро дар шароити водии Ҳисор тасдиқ намуданд. Растаниҳо ҳар сол давраи пурраи рушди мавсимиро тай намуда, бо маҳсулнокии устувор фарқ мекунанд ва равғани эфирие ҳосил менамоянд, ки ба талаботи байналмилалии сифат ҷавобгӯ мебошад [15-М; 16-М].

Асосноккунии илмии таъсиси плантатсияҳои саноатӣ ба муносибати комплексӣ такя мекунад, ки ҷанбаҳои биологӣ, агротехникӣ, технологӣ ва иқтисодиро дар бар мегирад. Устувории биологии зироат бо технологияҳои самараноки афзоиш, усулҳои муосири коркарди ашёи хоми гул ва талаботи баланди бозори ҷаҳонӣ ба равғани садбарг мувофик мебошад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда, аз ҷумла маълумоти манбаъҳои байналмилалӣ, тасдиқ менамоянд, ки намояндагони авлоди *Rosa* бо тағйирпазирии назарраси морфологӣ ва биологии узвҳои вегетативӣ ва генеративӣ тавсиф мешаванд. Ин гуногунӣ ба табиати мураккаби генетикии аломатҳо ва амплитудаи васеи экологии паҳншавии ҷинс вобаста буда, дар натиҷаи таъсири шароити муҳити зист ба ташаккули морфоэкотипҳои гуногун мусоидат менамояд.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки маълумот оид ба хусусиятҳои морфологӣ ва биологии садбаргҳо хеле тағйирёбанда мебошад, ки ин ба таъсири омилҳои эколого-географӣ, шароити парвариш, сохтори генетикии популятсияҳо ва усулҳои истифодашудаи таҳқиқот вобаста аст. Тағйирпазирии дохилинамудӣ дар аломатҳои морфологӣ, физиологӣ ва биокимиёвии растаниҳо зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, омӯзиши ин хусусиятҳо дар шароити гуногуни хокию иқлимӣ ва баландиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои арзёбии иқтидори мутобиқшавӣ, устувории экологӣ ва талаботи зироат ба шароити парвариш аҳаммияти муҳим дорад.

Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки қонуниятҳои мутобиқшавии растаниҳо ба шароити гуногуни муҳити зист муайян карда шуда, ҳамчун заминаи илмӣ барои такмили барномаҳои селексионӣ, офаридани шаклҳои сермаҳсули равғандеҳ ва таҳияи технологияҳои самараноки парвариши саноатӣ истифода гарданд.

Татбиқи васеи *R.× damascena M.* дар истеҳсолот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо аҳамияти иқтисодӣ, балки аҳамияти экологӣ низ дорад. Парвариши ин зироат ба баланд гардидани устувории агроландшафтҳо, ҳифзи гуногунии биологӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ мусоидат намуда, онро ҳамчун самти ояндадори рушди устувори соҳаи растаниҳои равғандеҳ ва маҷмааи агросаноатии кишвар муаррифӣ менамояд.

Таҳқиқотҳое, ки дар шароити ноҳияи Шаҳринавии водии Ҳисор гузаронида шуданд, дурнамои баланди ин минтақаро барои парвариши саноатии *R.× damascena M*. нишон медиҳанд. Омезиши мусоиди омилҳои хокию иқлимӣ - иқлими мӯътадили континенталӣ, давраи тӯлонии вегетатсионӣ, радиатсияи баланди офтобӣ ва низоми муносиби таъминоти об - барои рушд, инкишоф ва ташаккули маҳсулнокии баланди зироат шароити мусоид фароҳам меорад.

Дар айни замон самаранокии истеҳсолоти плантатсионии *R.× damascena M*. аз маҷмӯи чорабиниҳои агротехникӣ вобаста мебошад, ки ғизодиҳии оқилонаи минералӣ, беҳсозии низоми обёрӣ, нигоҳубини саривақтии ниҳолзорҳо ва муҳофизати растаниҳоро аз организмҳои зараровар дар бар мегирад. Риояи ин талабот ба баланд шудани ҳосилнокӣ, беҳтар гардидани сифати ашёи хоми гул ва зиёд шудани ҳосили равғани эфирӣ мусоидат менамояд.

Объекти таҳқиқот *R.× damascena M*. - зироати арзишманди равғандеҳ буда, бо чандирии баланди экологӣ, қобилияти мутобиқшавӣ, устуворӣ ба омилҳои номусоиди муҳит ва миқдори зиёди равғанҳои эфирӣ тавсиф мешавад. Гулбаргҳои ин растанӣ компонентҳои асосии хушбӯй — ситронеллол, гераниол ва неролро дар бар гирифта, сифати равғани эфириро муайян менамоянд ва барои саноати атриёт, косметика, фармасевтӣ ва селексияи навъҳои нави сермаҳсули равғандеҳ аҳамияти калон доранд.

Таҳқиқот бо истифода аз маҷмӯи усулҳои морфологӣ ва биологӣ гузаронида шуданд, ки имкон медиҳанд хусусиятҳои сохтори растаниҳо, ҳолати физиологӣ, маҳсулнокӣ ва қобилияти мутобиқшавии онҳо дар шароити минтақа арзёбӣ карда шаванд.

Натиҷаҳои бадастомада аҳамияти илмӣ ва амалӣ дошта, метавонанд ҳамчун асос барои такмили технологияҳои парвариши саноатии Rosa × damascena Mill. дар шароити гуногуни экологию ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намоянд.

Ба намояндагони *R.× damascena M*. қобилияти баланди навдаҳосилкунӣ хос буда, ташаккули сохтори мутамаркази бутта, дарозумрии ниҳолзорҳо ва маҳсулнокии устувори растаниҳоро таъмин менамояд. Дар шароити водии Ҳисор навдаҳосилкунии фаъол дар солҳои 3–5-уми вегетатсия, баъд аз ташаккули низоми хубинкишофёфтаи реша ва баланд шудани фаъолнокии функсионалии узвҳои рӯизаминӣ оғоз меёбад.

Муайян карда шуд, ки омили муҳими танзими рушд ва маҳсулнокии зироат низоми буриш мебошад. Буриши сахт ташаккули навдаҳои навро ҳавасманд менамояд, буриши суст ба гулкунии нисбатан баробар мусоидат мекунад, дар ҳоле ки буриши муътадил таносуби оптималии ташаккули гулҳо, ҳосилнокӣ ва ҷамъшавии равғани эфириро дар гулбаргҳо таъмин менамояд.

Давомнокии ташаккули навдаҳои генеративӣ ба ҳисоби миёна 50–70 шабонарӯзро ташкил дода, аз маҷмӯи омилҳо вобаста мебошад, ки дар байни онҳо нақши асосиро низоми ҳароратӣ, таъминоти намӣ ва сатҳи нигоҳубини агротехникӣ дорад. Баланд шудани ҳарорат рушди муғҷаҳои нӯгиро, ки навдаҳои гулдорро ташаккул медиҳанд, фаъол мегардонад, дар ҳоле ки муғҷаҳои дар қисмҳои поёнӣ ҷойгиршуда асосан дар ташаккули навдаҳои вегетативӣ иштирок мекунанд. Буриш тақсимшавии моддаҳои ғизоӣ ва фитогормонҳоро танзим намуда, равандҳои рушд ва инкишофи растаниҳоро равона месозад.

• Таҳқиқи хусусиятҳои биологии рушд ва инкишофи *R.× damascena M*. дар шароити водии Ҳисор нишон дод, ки ҳангоми ворид намудани зироат ба шароити нави экологӣ бозсозии ритмҳои рушд ба амал меояд, ки ба мутобиқшавии растаниҳо ба иқлими маҳаллӣ алоқаманд мебошад. Омили асосие, ки муваффақияти равандҳои мутобиқшавиро муайян менамояд, низоми ҳароратӣ мебошад, ки муҳлати оғози вегетатсия, шиддатнокии навдаҳосилкунӣ, ташаккули узвҳои генеративӣ ва давомнокии гулкуниро танзим мекунад.

Натиҷаҳои мушоҳидаҳои бисёрсолаи фенологӣ (2020–2025) нишон медиҳанд, ки бедоршавии барвақтии муғҷаҳо дар *R.× damascena M*. ба ташаккули якчанд мавҷи пайдарпайи навдаҳосилкунӣ мусоидат менамояд. Дар соли аввал навдаҳо сохтори алафмонанд доранд, аммо аз соли дуюм сар карда тадриҷан чӯбин мешаванд, ки ин устувории растаниҳоро баланд мебардорад. Баъд аз гузаронидани буриш рушди муғҷаҳои паҳлуӣ фаъол гардида, шохаронӣ пурзӯр мешавад ва сохтори зич ва маҳсулноки бутта ташаккул меёбад. Муайян карда шуд, ки танзими оқилонаи чорабиниҳои агротехникӣ, махсусан низоми буриш, имкон медиҳад рушди растаниҳо самаранок идора гардида, маҳсулнокӣ ва дарозумрии ниҳолзорҳо нигоҳ дошта шавад.

Таҳлили биокимиёвии гулбаргҳо нишон дод, ки дар шароити водии Ҳисор *R.× damascena M*. равғани эфирие ҳосил менамояд, ки таркиби компонентии он ба хусусиятҳои сифатии намунаҳои эталонии пайдоиши булғорӣ ва туркӣ мутобиқат мекунад. Таносуби оптималии спиртҳои асосии терпенӣ — ситронеллол, гераниол ва нерол — дурнамои баланди зироатро барои истеҳсоли ашёи хоми равғани эфирӣ, ки ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад, тасдиқ менамояд.

Барои таъмини фаъолияти устувори плантатсияҳои саноатӣ истифодаи низоми маҷмӯии муҳофизати растаниҳо зарур мебошад, ки мониторинги мунтазами фитосанитарӣ, ташхиси барвақтии ҳашароти зараррасон ва патогенҳо, истифодаи усулҳои биологӣ ва агротехникии танзими шумораи организмҳои зараровар, инчунин истифодаи оқилонаи воситаҳои кимиёвии муҳофизатро дар бар мегирад. Чунин муносибати интегралӣ ба нигоҳ доштани ҳосилнокӣ, баланд бардоштани сифати ашёи хоми гул, зиёд намудани муҳлати истифодаи ниҳолзорҳо ва ташаккули низоми устувори парвариши саноатии *R.× damascena M*. дар шароити водии Ҳисор мусоидат менамояд.

• Сифати маводи ниҳолӣ яке аз омилҳои калидие мебошад, ки маҳсулнокӣ, устуворӣ ва дарозумрии ниҳолзорҳои саноатии *R.× damascena M*. -ро муайян менамояд. Самараноктарин усули ба даст овардани маводи ниҳолии якхела ва аз ҷиҳати генетикӣ устувор афзоиши вегетативӣ бо усули қаламчакунии сабз мебошад, ки нигоҳдории аломатҳои навъӣ, суръати баланди афзоиш ва самаранокии иқтисодии истеҳсолотро таъмин менамояд.

Бо мақсади такмили технологияи афзоиши *R.× damascena M*. дар шароити водии Ҳисор таъсири танзимгарони гуногуни рушд (гетероауксин, сиркон, корневин) ва субстратҳо ба равандҳои ризогенез омӯхта шуд. Муайян гардид, ки самаранокии максималии решагирӣ (98–100%) ҳангоми коркарди қаламчаҳо бо гетероауксин ва баъдан шинондани онҳо дар субстрати торфӣ ба даст меояд, ки ба ташаккули фаъоли низоми хубинкишофёфтаи реша мусоидат менамояд. Истифодаи сиркон низ сатҳи баланди решагириро таъмин намуда, ба рушди растаниҳои ҷавон таъсири мусбат расонд, дар ҳоле ки истифодаи корневин бо самаранокии паст тавсиф гардид.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада технологияи такмилёфтаи қаламчакунии сабз таҳия гардид, ки истифодаи гетероауксин ё сиркон, истифодаи субстратҳои торфӣ ё омехтаҳои онҳо бо қум ё перлит, инчунин гузаронидани коркарди пешгирикунандаи фунгисидии маводи ниҳолӣ ва субстратро дар бар мегирад. Татбиқи ин маҷмӯи чорабиниҳо баланд гардидани ҳосили ниҳолҳои хушсифатро таъмин намуда, сабзиши онҳоро баъд аз кӯчонидан ба замини кушод беҳтар месозад ва ба ташаккули плантатсияҳои сермаҳсулу устувори *R.× damascena M*. дар шароити минтақа мусоидат менамояд.

Васеъ намудани майдонҳои парвариши саноатии муносибати комплексии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшударо талаб менамояд, ки ба ҳисобгирии хусусиятҳои биологии зироат, такмили усулҳои агротехникӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои самараноки истеҳсолот асос ёфтааст. Таъсиси плантатсияҳои сермаҳсул бе истифодаи усулҳои муосири афзоиши вегетативӣ, пеш аз ҳама қаламчакунии сабз, инчунин беҳсозии шароити решагирии маводи ниҳолӣ дар хоки ҳимояшуда имконнопазир мебошад.

Самаранокии баланди решадавонии қаламчаҳо тавассути нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои оптималии микроиқлим таъмин мегардад: ҳарорати ҳаво дар ҳудуди +18...+25°C, намнокии нисбии ҳаво 40–60% ва сатҳи кофии рӯшноии пароканда. Таваҷҷӯҳи махсус инчунин ба истифодаи субстратҳои намӣ, ғунҷоиш ва ҳавогузар (торф, перлит, омехтаҳои торфу қум) дода мешавад, ки барои ташаккули низоми реша, баланд шудани маҳсулнокии биологӣ ва устуворii минбаъдаи растаниҳои ҷавон ҳангоми парвариш дар шароити саҳроӣ шароити мусоид фароҳам меоранд.

ХУЛОСАҲО

1. Таҳқиқотҳои гузаронидашуда дар ҳудуди ноҳияи Шаҳринавии водии Ҳисор нишон доданд, ки шароити табиӣ-иқлимии ин минтақа барои парвариши васеи саноатии зироати равғани эфирдори *R.× damascena M*. мусоид мебошанд. Муайян гардид, ки *R.× damascena M*. дорои тағйирпазирии баланди экологӣ, устуворӣ ба тағйирёбии шароити муҳити зист ва тағйирпазирии назарраси аломатҳои морфологӣ буда, ин хусусиятҳо мутобиқшавӣ ва рушди муваффақонаи онро дар шароити маҳаллии хокию иқлимӣ таъмин менамоянд. Муттаҳидшавии иқлими мусоид бо истифодаи усулҳои оқилонаи агротехникӣ ба ташаккули ниҳолзорҳои сермаҳсул ва истеҳсоли ашёи хоми равғи эфирдори дорои сифати баланд мусоидат мекунад [3-М, 4-М, 12-М, 13-М, 15-М, 20-М].

2. Таҳқиқот нишон дод, ки дар шароити табиӣ-иқлимии водии Ҳисор *R.× damascena M*. бо қобилияти баланди ҳосил намудани навдаҳои нав фарқ мекунад ва хусусиятҳои рушду инкишофи он аз тағйироти мавсимии ҳарорат ва муҳлати гузаштани марҳилаҳои фенологӣ вобаста мебошанд. Рушди нисбатан пуршиддати растанӣ дар солҳои 3–5-уми ҳаёт мушоҳида мегардад, ки дар ин давра ташаккули низоми пуриқтидори реша ва ҷамъшавии массаи назарраси вегетативӣ ба анҷом мерасад. Давомнокии давраи маҳсулнокии буттаҳо аз мунтазам навшавии навдаҳои рӯизаминӣ ва қобилияти таҷдиди вегетативии растанӣ вобастагии зиёд дорад. Ҳамчунин муайян карда шуд, ки хусусияти ташаккули бутта ва сатҳи маҳсулнокии он ба тарзи гузаронидани буриш вобастагии калон доранд. Буриши мӯътадил (нимбуриш) гулкунии устувор ва ҳосили баланди гулро таъмин менамояд, буриши сахт ташаккули навдаҳои ҷавонро фаъол мегардонад, дар ҳоле ки буриши суст ба рушди нисбатан баробар, вале камтар шиддатноки растанӣ мусоидат мекунад. Инчунин муайян гардид, ки

мутобиқшавии муваффақонаи навъ ба шароити минтақа бо мутобиқати ритмҳои биологии растанӣ ба низоми ҳароратии маҳал алоқаманд аст. Истифодаи усулҳои агротехникӣ бо дарназардошти ин қонуниятҳо имконият медиҳад, ки ҳосилнокии зироат баланд бардошта шуда, сифати ашёи хоми равғани эфирдор беҳтар гардад [5-М, 6-М, 19-М].

3. Таҳқиқотҳои анҷомдодашуда нишон доданд, ки *R.× damascena M*., ки дар шароити водии Ҳисор интродуксия шудааст, ба шароити маҳаллии табиӣ-иқлимӣ бо муваффақият мутобиқ шуда, бо тағйирпазирии баланди экологӣ ва давраи тӯлонии нашъунамо тавсиф мегардад. Муайян карда шуд, ки шиддатнокии рушд, хусусиятҳои инкишоф ва сатҳи маҳсулнокии растанӣ аз низоми ҳароратӣ ва шароити обу ҳавои мавсимӣ вобастагии зиёд доранд. Ошкор гардид, ки муҳчаҳо дар тамоми давраи зимистон фаъолияти физиологии худро нигоҳ дошта, бо фаро расидани ҳарорати мусоид нашъунамои барвақт оғоз меёбад. Афзоиши пуршиддати навдаҳо асосан дар соли аввали рушди онҳо ба қайд гирифта шуда, баъдан равандҳои чӯбшавӣ, шохаронӣ ва ташаккули сохтори устувори бутта тақвият меёбанд. Дар ташаккули ҳосили гул ва сифати ашёи хоми эфирравғандор равандҳои пайдоиши муҳчаҳои генеративӣ, хусусиятҳои гулкунӣ ва самаранокии гардолудшавӣ нақши ҳалкунанда доранд. Ҳамчунин муайян гардид, ки намояндагони таҳқиқшудаи ҷинси Rosa барои истеҳсоли равғани эфирӣ иқтидори баланд дошта, вай ба талаботи байналмилалии сифат ҷавобгӯ мебошад. Мутобиқати нишондиҳандаҳо ба стандартҳои ҷаҳонӣ дар якҷоягӣ бо хусусиятҳои минтақавии таркиби химиявӣ барои густариши имкониятҳои содиротии кишвар ва рушди минбаъдаи истеҳсолоти ватании равғани эфирдор заминаи мусоид фароҳам меорад. Таҳқиқот инчунин мавҷудияти маҷмӯи ҳашароти зараррасон ва ангезандагони бемориҳоро тасдиқ намуд, ки рушди онҳо аз шароити мусоиди экологӣ ва иқлимии минтақа вобаста мебошад. Аз ин рӯ, парвариши самараноки саноатии зироат ҷорӣ намудани низоми ҳамгироёнаи ҳифзи растаниро тақозо мекунад, ки маҳдуд намудани паҳншавии организмҳои зараровар, коҳиш додани талафоти ҳосил ва нигоҳдории сифати баланди маҳсулотро таъмин менамояд. Натиҷаҳои бадастомада дурнамои баланди парвариши саноатии ин зироатро дар минтақа тасдиқ мекунанд [1-М, 2-М, 6-М, 7-М, 16-М].

4. Самаранокии баланди афзоиши вегетативии *R.× damascena M*. тавассути қаламчагирии сабз бо истифода аз муҳлатҳои оптималӣ, субстратҳо ва танзимгарони рушд аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуд. Низоми таҳияшудаи афзоиш ва парвариши плантатсионии *R.× damascena M*. дар шароити водии Ҳисор имконият медиҳад, ки маводи ниҳолшинонии босифат ба даст оварда шуда, маҳсулнокии ниҳолзорҳо баланд ва рушди устувори соҳаи садбаргпарварии эфирравғандор дар минтақа таъмин гардад [3-М, 5-М, 8-М, 11-М, 20-М].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. **Ҷойгиркунӣ ва ташкили плантатсияҳо.** Барои бунёди ниҳолзорҳои саноатии *R.× damascena M*. тавсия дода мешавад, ки қитъаҳои дорои экспозитсияи ҷанубӣ ва ҷанубу шарқӣ бо хокҳои сабуки лойқашакл ё регию лойқашакли хуб заҳкашшуда ва дорои миқдори кофии моддаҳои органикӣ интихоб карда шаванд. Ҳангоми банақшагирии ҷойгиркунии плантатсияҳо бояд микрорелеф, ҳифз аз шамолҳо ва самти

оқилонаи қаторҳо барои таъмини равшанӣ ва шамолхӯрии якхелаи буттаҳо ба назар гирифта шаванд.

2. **Маводи ниҳолшинонӣ ва усулҳои афзоиш.** Барои ташкили плантатсияҳои саноатӣ истифодаи маводи ниҳолшинонии решаи худӣ, ки тавассути қаламчагирии сабз дар шароити гармхона ба даст оварда шудааст, тавсия мегардад. Барои баланд бардоштани решабандии қаламчаҳо истифодаи гетероауксин ё сиркон ва ҳамчун субстрат торф, перлит ё омехтаи онҳо бо қум мувофиқи мақсад мебошад.

3. **Технологияи парвариш.** Маҳсулнокии баланди *R.× damascena M*. тавассути истифодаи маводи ниҳолшинонии босифат ва риояи маҷмӯи чорабиниҳои агротехникӣ таъмин мегардад. Самараноктарин усулҳо обёрии қатрагӣ, мулчакунонӣ, нармкунии мунтазами хок ва буриши саривақтӣ мебошанд. Буриши шадид ташаккули навдаҳоро фаъол мегардонад, буриши суст гулкунии устуворро нигоҳ медорад ва буриши мӯътадил таносуби оптималии ҳосилнокӣ ва сифати ашёи хоми гулро таъмин менамояд.

4. **Гулкунӣ ва ҷамъоварии гулҳо.** Тавсия дода мешавад, ки ҷамъоварии гулҳои *R.× damascena M*. дар давраи гулкунии оммавӣ, ки дар шароити водии Ҳисор 25–35 рӯз давом мекунад, анҷом дода шавад. Барои ба даст овардани ашёи хоми равғани эфирдори босифат гулҳоро бояд дар соатҳои субҳгоҳӣ ҳангоми ҳарорати ҳавои на бештар аз +20°C ҷамъоварӣ намуд, ки ин миқдори максималии равғани эфириро таъмин намуда, талафоти онро коҳиш медиҳад.

5. **Мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон ва бемориҳо**. Барои нигоҳ доштани ҳосилнокӣ ва сифати ашёи хом истифодаи низоми ҳамгироёнаи ҳифзи растанӣ тавсия карда мешавад, ки мониторинги мунтазами фитосанитарӣ, усулҳои агротехникӣ, биологӣ ва химиявии муборизаро дар бар мегирад. Буриши санитарӣ, нест намудани навдаҳои зарардида ва гузаронидани коркардҳои пешгирикунанда ҳатмӣ мебошанд.

6. **Назорати сифати ашёи хоми равғани эфирдор**. Барои арзёбии сифати ашёи хоми равғани эфирдор гузаронидани назорати мунтазами лабораторияи таркиби равғани эфирӣ бо усули хроматографияи моеии баландсамар (ХМБС) бо муайян намудани миқдори ҷузъҳои асосӣ — ситронеллол, гераниол ва нерол тавсия карда мешавад.

7. **Ташкили истеҳсолоти саноатӣ.** Барои баланд бардоштани самаранокии соҳа ташкили ниҳолпарвархонаҳои махсусгардонидашуда, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири парвариш ва коркарди ашёи хом, инчунин истифодаи комплексии маҳсулот, аз ҷумла истеҳсоли равғани эфирӣ, оби садбарг ва гидролатҳо тавсия мегардад.

8. **Дурнамои рушди соҳа**. Рушди минбаъдаи парвариши саноатии *R.× damascena M*. бо такмили технологияҳои парвариш, офаридани навъҳои сермаҳсул, рушди ниҳолпарварӣ ва пойгоҳи коркард, инчунин васеъ намудани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири эфирравғандор алоқаманд мебошад.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Агроклиматические ресурсы (ТаджикскаяССР). Часть 1. -Л., Гидрометеоиздат., 1976. - 216 с.

2. Атлас Таджикской ССР. Главное управление геодезии и картографии при Совете Министров СССР. -Душанбе-Москва, 1968. - 200 с.

3. Бейдеман И.Н. Методика изучения фенологии растений и растительных сообществ. -Новосибирск, 1974. -156 с.

4. Белоусова Н.В. Белоусов А.В. Оценка запасов продуктивной влаги в черноземах при минимальной обработке почвы//Агрофизика. -2021, №4. - С.45-50.

5. Бойко А. В. Биология роста и развития декоративных и эфиромасличных кустарниковых растений. -М.: Колос, 2015. - 256 с.

6. Бумбеева Л.И. Оценка современных сортов садовых роз в розарии Ботанического сада Петра Великого// Современное садоводство. -2020, № 1. - С. 45-52.

7. Былов В.Н., Михайлов Н.Л, Сурина Е.И. Розы. -М.: Наука, 1988. - 440 с.

8. Васильева, О.Ю. Интродукция роз Западной Сибири. Новосибирск: Наука, 1999. - 184 с.

9. Ганиев З.А. Актуальные направления развития эфиромасличного производства в Центральной Азии//Аграрный вестник Таджикистана. -2020, -№ 4.-С. 140-147.

10. Горя В.С. Алгоритмы математической обработки результатов исследований. - Кишинев: Штиинца. 1978. -117 с.

11. Доспехов, Б.А. Методика полевого опыта (с основами статистической обработки результатов исследований) // Б.А. Доспехов. -5-е изд. Доп. и перераб. – М.: Агропром, 1985. -351 с.

12. Ермаков Б.С. Размножение древесных и кустарниковых растений зеленым черенкованием. - Кишенев: Штиинца. 1981. -222 с.

13. Золгадри С., Бахрами А. Р. Бехзад М.И. Химический состав и биологическая активность эфирного масла Rosa damascena /Иранский журнал фармацевтических исследований. – 2013. – Т. 12, № 4. - С. 573-578.

14. Клименко З.К. Розы. -М, 2001. -176 с.

15. Клименко, З.К. Ассортимент раноцветущих роз коллекции Никитского ботанического сада и его использование в озеленении Южного берега Крыма// Клименко З.К., Плугатарь С.А., Кравченко И.Н./Интродукция и селекция декоративных растений в Никитском ботаническом саду (современное состояние, перспективы развития и применение ландшафтной архитектуре): - Монография/под общей редакцией Плугатаря Ю.В. -Ялта: ГБУ РК «НБС-ННЦ», 2015. -433 с.

16. Кутеминский В.Я., Леонтьева Р.С. Почвы Таджикистана. Условия почвообразования и география почвы. -Душанбе: Ирфон. -1966, -вып.1. - 223 с.

17. Лебедева Г.И. Грибные болезни роз и меры борьбы с ними// Вестник защиты растений. - 2015. -С. 38 -44.

18. Назаренко Л.Г. Роза эфиромасличная (история, биологические особенности и селекция). -Киев: Наукова думка, 1978. -200 с.

19. Назаренко, Л.Г., Миньков Б.П., Мустяцэ Г.И., Мурин А.В. Культура эфиромасличной розы / – Кишинев: Штиинца, 1985. -186 с.

20. Намозов А.К. Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор // Диссер. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ. -Душанбе, 2023. -156 с.

21. Орлова Е.А., Кружалин В.И. Методологические подходы к исследованию эфиромасличных культур // Аграрная наука. -2012, № 6. – С. 210-220.

22. Русанова Ф.Н. Род Rosa L. Дикорастущие виды шиповника, интродуцированные в Ботаническом саду АН Уз. ССР // Дендрология Узбекистана, Ташкент: Фан. 1972. Т.4. – С. 5-195.

23. Снайдер Л.Р., Киркланд Дж. Дж., Долан Дж. В. Введение в современную жидкостную хроматографию. – 3-е изд. – Хобокен, 2010. – 912 с.

24. Сушков К.Л. История культуры роз в Средней Азии и Казахстане // Интродукция растений и зелёное строительство: Тр. Алма-Ата. Ботан. сада АН-КазССР. - 1963. – С. 3-49.

25. Хржановский В.Г. Розы. – М.: Сов. Наука. 1958. -497 с.

26. Хушвахтов А.А. Биологические особенности и хозяйственная ценность розы дамасской в условиях Таджикистана // Вестник ТНУ. – 2019, №2. – С. 220-227.

27. Челомбит А.П. Интродукция видов и сортов рода Rosa L., в Присивашье Крыма // Автореф. дисс… канд. наук / Государственный Никитский ботанический сад. – Ялта, 2010. – 20 с.

28. Hartmann H.T. Plant Propagation: Principles and Practices / H.T. Hartmann, D.E. Kester, F.T. Davies, R.L. Genève. – 8th ed. – Boston: Prentice Hall. 2010. – 928 p.

29. Oka N., Takahashi S., Kinoshita T., Nishikawa T. Changes in aroma composition of Rosa damascene Mill. During flower development // Journal of Essential Oil Research. – 1999. – Vol. 11, №4. –P. 465-469.

ИНТИШОРОТ АЗ РЎЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда

[1-М]. Назармамадова С.Х.- Основные болезни Розы дамасской (*Rosa damascena Mill.)* в условиях Центрального Таджикистана// Кишоварз, 2023, № 3 (100). -С. 93-96.

[2- М]. Назармамадова С.Х., Мамадризохонов А.А. Интенсивность транспирации *Rosa damascena Mill.* в условиях Центрального Таджикистана // Наука и инновация. -2023. №3. -.С.175-180.

[3-М]. Назармамадова С.Х., А.А Мамадризохонов/ Научно-методическое обоснование плантационного выращивания розы дамасской (*Rosa damascena Mill.)* в условиях Центрального Таджикистана» //Вестник медико-социального института Таджикистана. № 3 (8), 2023. -С.29-35.

[4-М]. Назармамадова С.Х. Мамадризохонов А.А. Перспективы выращивания Rosa damascena Mill на территории Республики Таджикистан // Кишоварз. -2024, №3 (104). - С. 52-56.

[5-М]. Назармамадова С.Х. Агротехнические приемы выращивания *Rosa damascena Mill.* в условиях Гиссарской долины // Вестник Хорогского Университета. 2025, №1 (01). -С.153-162.

[6-М]. Назармамадова С.Х., Мамадризохонов А.А., Каландаров Ф.Р. Влияние различных способов формирования кустов *Rosa damascena Mill.* на цветочную продуктивность//Наука и инновация). -2025, №3. -С. 257-262.

[7-М]. Назармамадова С.Х., Мирзоева Ф.Д., Мамадризохонов А.А. Научное обоснование и биохимический профиль эфирного масла розы дамаской (*Rosa damascena Mill*., сорт Саидшои) в условиях Таджикистана// Известие национальной академии наук Таджикистана). -2026, №2 (233). -С.63-67.

II. Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо интишоршуда

[8-М]. Назармамадова С.Х., Мамадризохонов А.А. Эффективное выращивание *Rosa damascena Mill.* в Гиссарской долине// Международная научная конференция на тему: "Развитие садоводства, виноградства и овощеводства при применении современных технологий выращивания "Таджикский аграрный университет им. Шириншох Шохтемур. -Душанбе, 2024. -С.265-267.

[9-М]. Nazarmamadova S.Kh. Medicinal properties of *Rosa damascena Mill.,* growing in the central region of Tajikistan //Вестник медико-социального института Таджикистана. 2024, № 4 (10). -С.201-202.

[10-М]. Nazarmamadova S.Kh., Halimova M. Therapeutic effekt *Rosa damascena Mill.* //Вестник медико-социального института Таджикистана. -2025, № 2 (4). -С.156-157.

[11-М]. Мамадризохонов А., Назармамадова С., Холмамадов А., Тыналиева К. Вклад интродукции Rosa damascena Mill. в улучшение экологической ситуации и рациональное использование природных ресурсов//Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Беҳдошти вазъи экологӣ ва солимнигоҳдории табиати нодири кишвар”. -Душанбе, 2025. -С.193-197.

[12-М]. Назармамадова С.Х., Зулфияи Бобохон, К.Тыналиева, Мамадризохонов А.А. Фенологические особенности побегообразования и цветочной продуктивности сорта *Rosa damascena Mill.* в условиях Гиссарской долины// Междунар.научно-практической конференция на тему «Инновационные подходы в использовании космических технологий в управлении и мониторинге водных ресурсов, сохранении ледников и обеспечении устойчивого развития энергетики в условиях изменения климата». -Куляб, 2025. -С.276-280.

[13-М]. Назармамадова С.Х. Особенности природно-климатических условий Гиссарской долины для выращивание *Rosa damascena Mill.*// Республиканской научно-практической конференции (с международным участием), на тему: «Механизм адаптации организмов к изменяющимся условиям окружающей среды». -Душанбе, 2025. -С.205-212.

[14-М]. Назармамадова С.Х., Мамадризохонов А.А. Исследование роста и развития сорта Rosa damascena Mill. в условиях Гиссарской долины// XI-ая Международная конференция «Экологические особенности биологического разнообразия». - Худжанд, 2025. -С.132-134.

[15-М]. Назармамадова С., Мамадризохонов А.А. Фенологические особенности и адаптация *Rosa damascena Mill.* в условиях Гиссарской долины//Материалы республиканской научной конференции «Биоразнообразие горных экосистем в условиях глобального изменения климата». - Душанбе: Дониш, 2025. -С.168-170.

[16-М]. Назармамадова С., Мамадризохонов А.А. Адаптация и фенологические особенности *Rosa damascena Mill.,* условиях Гиссарской долины// Международная научно-теоретическая конференция «Экологические проблемы и пути к зелёной экономике в современное время».- Душанбе, 2025. -С.223 -226.

[17-М]. Мамадризохонов А., Назармамадова С., Холмамадов А., Тыналиева К. Искусственный интеллект и цифровые технологии в естественно-научном образовании и ботанических исследованиях Таджикистана: методологическая интеграция и повышение эффективности НИР// Международную научно-практическую конференцию на тему: «Большие данные и искусственный интеллект в развитии науки, промышленности и общества», посвященной объявлению 2025-2030 годы «Годами развития цифровой экономики и инноваций». -Куляб, 2025. -С.26-30.

[18-М]. Назармамадова С.Х. Фенологические особенности *Rosa damascena Mill.* в условиях Гиссарской долины и их значения для адаптации и промышленного выращивания//Вестник медико-социального института Таджикистана. 2025, №4. -С.253.

[19-М] Назармамадова С., Тыналиева К., Мамадризохонов А. Морфологические и декоративные особенности сорта *Rosa damascena Mill.* в условиях изменения климата// Сборник статей Республиканской – научно-теоретическая конференции на тему «Влияние изменения климата на биологическое разнообразие и горные экосистемы». - Хорог. 2025. -С.58 -64.

[20-М] Назармамадова С.Х. Плантационное выращивание *Rosa × damascena Mill.* в Гиссарской долине: биологические основы, агротехника и экономическая эффективность// Матер. межд. научно-практ. конф. «Важность естественных, точных и математических наук в современном образовании: проблемы и перспективы» (9-11 апреля 2026 г.). -Дангара, 2026. -С. 543-550.

[21-М]. Назармамадова С.Х. Устойчивое развитие эфиромасличного розоводства в условиях Гиссарской долины // Международная- теоретическая конференция на тему: «Оценка глобального потепления и способов его предотвращения в целях защиты гидрологических и криосферных ресурсов». -Куляб, 2026. -С.112-116.

[22-М]. Назармамадова С.Х. Сезонное развитие и фенологическая характеристика *Rosa damascena Mill.* в условиях интродукции Гиссарской долины//Материалы научно-теоретической конференции на тему «Таджикистан на пути к государственной независимости». - Хорог, 2026. -С.349 -354.

[23-М]. Nazarmamadova S.Kh., Tynalieva K., Mamadrizokhonov A.A. Current issues and prospects for sustainable development of essential oil Rose Growing in Tajikistan //Вестник медико-социального института Таджикистана. 2026, №2 . -С.535-536.

АННОТАЦИЯ

Назармамадова Сохибджамол Хушмамадовна

«Биологические особенности *Rosa damascena Mill.* при выращивании в условиях Гиссарской долины Таджикистана»

Ключевые слова: *Rosa damascena Mill.* эфиромасличные растения, Гиссарская долина, морфолого – биологические особенности, зелёное черенкование, адаптация, плантационное выращивание.

Цель исследования: Комплексное изучение биологических, морфологических и хозяйственно – ценных особенностей *Rosa x damascena Mill.* и научное обоснование эффективных методов её размножения и широкого промышленного выращивания в условиях Гиссарской долины.

Методы исследования: Использованы полевые, лабораторные и фенологические наблюдения, морфометрический и анатомический анализ, биохимические методы оценки эфиромасличного сырья. Статистическую обработку экспериментального материала проводили с использованием общепринятых методов математической статистики [33, 39, 60, с.1-4]. Проводились полевые опыты по различным вариантам формирования кустов и способам зелёного черенкования.

Полученные результаты и научная новизна работы: Впервые в условиях Таджикистана проведено комплексное исследование биолого-агротехнических особенностей *Rosa x damascena Mill.* Определены закономерности изменчивости морфологических признаков, ритмика роста и развития генеративных побегов, выявлен видовой состав основных вредителей и болезней. Разработан и научно обоснован эффективный метод зелёного черенкования с укореняемостью до 98-100 %, обеспечивающий получение оздоровлённого посадочного материала. Установлена высокая адаптивность *Rosa x damascena Mill.* к почвенно-климатическим условиям Гиссарской долины, что делает его перспективным для промышленного эфиромасличного производства.

Рекомендации по использованию работы: Результаты исследования могут быть использованы при организации и расширении плантаций *Rosa x damascena Mill.* разработке региональных программ развития эфиромасличного производства, а также при подготовке учебных и методических материалов для высших и средних сельскохозяйственных учебных заведений. Рекомендованы оптимальные условия размещения плантаций, методы размножения, режимы орошения и обрезки, интегрированная система защиты растений.

Область применения: Материалы исследования могут применяться в эфиромасличной, косметической и фармацевтической промышленности, в научно-исследовательских учреждениях ботанического и агротехнического профиля, а также в хозяйствах, специализирующихся на выращивании эфиромасличных культур и производстве розового масла.

АННОТАТСИЯ

Назармамадова Соҳибҷамол Хушмамадовна

“Хусусиятҳои биологии Rosa damascena Mill., ҳангоми парвариш дар шароити водии Ҳисор ”

Калидвожаҳо: *Rosa x damascena Mill.,* растаниҳои равганӣ, водии Ҳисор, хусусиятҳои морфологӣ ва биологӣ, қаламчаи сабз, мутобиқшавӣ, парвариши плантатсионӣ.

Ҳадафи таҳқиқот: Омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои биологӣ, морфологӣ ва хоҷагидории арзишманд *Rosa x damascena Mill.* ва асосноккунии илмии усулҳои самараноки афзоиш ва парвариши васеи саноатии он дар шароити водии Ҳисор.

Усулҳои тадқиқот: Тадқиқот дар асоси мушоҳидаҳои саҳроӣ, лабораторӣ ва фенологӣ, таҳлили морфометрӣ ва анатомӣ, усулҳои биохимиявии арзёбии ашёи хоми равғанҳои эфирӣ. Коркарди омории маводи таҷрибавӣ бо истифода аз усулҳои умуми этирофшудаи омори математикӣ гузаронида шуд [33, 39, 60, с.1-4]. Таҷрибаҳои саҳроӣ оид ба шаклгирии буттаҳо ва усулҳои гуногуни қаламчаи сабз анҷом дода шуданд.

Натиҷаҳои бадастомада ва навгонии илмӣ: Бори аввал дар Тоҷикистон омӯзиши мукаммали хусусиятҳои биологию агротехникии *Rosa x damascena Mill.* гузаронида шуд. Қонунмандии тағйирёбии аломатҳои морфологӣ, ритми афзоиш ва инкишофи навдаҳои генеративӣ муайян гардида, таркиби намудии зараррасонҳо ва бемориҳои асосӣ мушаххас карда шуд. Усули самарабахши афзоиши қаламчаи сабз бо дараҷаи решагирии 98-100% таҳия ва асоснок карда шуд. Мутобиқшавии баланди *Rosa x damascena Mill.* шароити хокию иқлимии водии Ҳисор муайян гардид, ки имконияти истифодаи онро дар истеҳсолоти равғанҳои эфирӣ таъмин менамояд.

Тавсияҳо барои истифода: Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар ташкили плантатсияҳо ва тавсеаи парвариши *Rosa x damascena Mill.,* таҳияи барномаҳои минтақавии рушди истеҳсоли равғанҳои эфирӣ, инчунин дар омодасозии маводҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии кишоварзӣ истифода шаванд. Ҷойҳои мувофиқ барои ташкили плантатсияи истеҳсолӣ, усулҳои афзоиш, реҷаи обёрӣ, буридани буттаҳо, инчунин татбиқи низоми муттаҳидаи ҳифзи растаниҳо пешниҳод карда шуданд.

Соҳаи истифода: Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар соҳаҳои равғанҳои эфирӣ, косметика ва фармасевтика, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии ботаникӣ ва агротехникӣ, инчунин хоҷагиҳо, ки ба парвариши растаниҳои равғанӣ ва истеҳсоли равғани гул мутахассис мебошанд, истифода бурда шаванд.

ANOTATION

Nasarmamadova Sokibjamol Khushmamadovna

“Biological characteristics of *Rosa damascena Mill.* under cultivation conditions in the Hisor Vallty of Tagikistan”

Keywords: *Rosa x damascena Mill*., essential oil plants, Hisor Valley, morphology, biological characteristics, green cutting propagation, adaptation, plantation cultivation.

Purpose of the study: A comprehensive investigation of the biological, morphological, and economically valuable characteristics of *Rosa x damascena Mill*., and the scientific justification of effective propagation methods for large-scale industrial cultivation under the conditions of the Hisor Valley.

Research methods: Field, laboratory, and phenological observations were applied, along with morphometric and anatomical analyses, and biochemical methods for assessing essential oil raw materials. Statistical processing of the experimental data was carried out using generally accepted methods of mathematical statistics [33, 39, 60, pp. 1-4]. Field experiments were conducted with various options for bush formation and green cutting propagation.

Result obtained and scientific novelty: For the first time in Tajikistan, a comprehensive study of the biological and agrotechnical characteristics of *Rosa x damascena Mill*. has been carried out. The study determined the patterns of morphological variability, the growth and development rhythm of generative shoots, and identified the species composition of major pests and diseases. An effective method of green cutting propagation with a 98–100% rooting rate was developed and scientifically validated, ensuring the production of healthy planting material. The high adaptability of *Rosa x damascena Mill.* to the soil and climatic conditions of the Hisor Valley was confirmed, making it promising for industrial essential oil production.

Recommendations for use: The research results can be applied in organizing and expanding *Rosa x damascena Mill.* plantations, in developing regional programs for the essential oil industry, and in preparing educational and methodological materials for higher and secondary agricultural institutions. Optimal conditions for plantation placement, propagation methods, irrigation and pruning regimes, and integrated plant protection systems are recommended.

Field of application: The materials of the research can be used in the essential oil, cosmetic, and pharmaceutical industries, in botanical and agrotechnical research institutions, as well as in the cultivation of essential oil crops and the production of rose oil.